Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов, 64/14

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи: «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ

Унвончӯй Абдуҷабборзода Д.А. дар автореферати диссертатсия ба масъалаи муҳим ва мубрами иқтисоди минтақавӣ яъне ташаккул ва рушди механизми инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақаро мавриди шарҳ қарор додааст. Бояд иброз дошт, ки мавзуи интихобгардидаи мазкур дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дошта, ба яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рушди устувории минтақаҳо, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии онҳо, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва густариши истеҳсолоти рақобатпазир алоқаманд мебошад.

Маълум мегардад, ки зарурати таҳқиқоти мазкур дар доираи мавзуъ, пеш аз ҳама, бо афзоиш ёфтани талабот ба масолеҳи сохтмонӣ дар заминаи рушди соҳаи сохтмон, шаҳрсозӣ ва бунёди инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоӣ, инчунин зарурати истифодаи технологияҳои муосир ва инноватсионӣ дар корхонаҳои истеҳсолоии масолеҳи сохтмонӣ алоқаманд аст. Чи тавре, ки маълум аст, вилояти Хатлон дорои имкониятҳои назарраси захиравӣ, ашёи хом ва иқтидори истеҳсолӣ буда, истифодаи самараноки чунин захираҳо метавонад ба рушди иқтисоди минтақа ва зиёд намудани саҳми истеҳсолоти маҳаллӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии онҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос, саҳми шахсии довталаб, интишорот, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дар автореферат ба таври муфассал тавсиф карда шудаанд.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои рушди соҳаи мазкурро дар шароити минтақа муайян намояд.

Яке аз ҷанбаҳои мусбати кори илмии анҷомдодаи Абдуҷабборзода Д.А. дар ӯн ифода меёбад, ки таҳқиқот дар заминаи таҳлили вазъи воқеии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон гузаронида шуда, ба мушкилот ва имкониятҳои рушди минбаъдаи ин соҳа таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир гардидааст. Муаллиф омилҳои асосии маҳдудкунандаи рушди инноватсионии корхонаҳоро муайян намуда, роҳҳои такмили механизми идоракунӣ ва дастгирии рушди инноватсионии истеҳсолотро пешниҳод кардааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти унвончӯй Абдуҷабборзода Д.А. дар он мебошад, ки пешниҳодҳои таҳия намудаи ӯ метавонанд дар такмили сиёсати минтақавии рушди саноат, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва истифодаи имкониятҳои мавҷудаи минтақа истифода бурда шаванд.

Дар асоси ҷамъбасти назарияҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ муаллиф андешаҳои худро низ пешниҳод намудааст (саҳ.15). Ҳамчунин дар саҳ. 17 автореферат дар доираи расми 1 алоқамандӣ ва вобастагии мутақобилаи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмониро ба таври муфассал пешниҳод намудааст, ки диққатҷалбкунда мебошад. Маълумотҳои омории ҷадвалҳо воқеъӣ ва дақиқ буда, таҳлилҳои онҳо аз нигоҳи илмӣ дуруст мебошанд.

Дар автореферати унвончӯй Абдуҷабборзода Д.А. муаммоҳои муосири ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати автореферат, ба андешаи мо, баъзе аз норасоиҳо низ ҷой доранд, ки метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф такмил дода шаванд:

1. Гузаронидани таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ;

2. Арзёбӣ , нагардидани самаранокии иқтисодии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ ба истеҳсолоти инноватсионӣ ва таъсири онҳо ба рақобатпазирии корхонаҳои соҳа.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзёбии умумии мусбати автореферати диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Маводҳои илмии нашршуда ва автореферати таҳия гардида, собит менамоянд, ки мавзуи илмӣ хуб таҳқиқ гардида, диссертатсия кори ба итмомрасида ба ҳисоб меравад. Автореферати диссератсия ба талаботи

бандҳои 31, 32, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯй Абдуҷабборзода Д.А. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи менеҷмент
ва маркетинги Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон **Шарипова А.Г.**

Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, қ. М. Турсунзода,30
E-mail: gavhar.sharipova@bk.ru
Тел.: (+992)919-50-80-54

Имзои д.и.и., профессор Шарипова А.Г. тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Боровицкая Л.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, қ. М. Турсунзода,30

«12» 10 соли 2026